# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзуи «Тухфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих). - Душанбе 2023. - 167 саҳ.**

Устод Садриддин Айнӣ дар асоси асари машҳури худ «Намунаи адабиёти тоҷик», дар солҳои душвори туркпарастӣ, исбот намуданд, ки халқи тоҷик таърих ва фарҳанги ғанӣ дорад. Шоҳасари «Авесто», ки дар асрҳои X - IX пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст, қадимтарин асари хаттии таърихӣ ба ҳисоб меравад.

То ба мо аз “Таърихи Бухоро” А. Наршахӣ сар карда, то асарҳои Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнию Абдулазими Сомӣ сарчашмаҳои зиёди таърихӣ мерос мондааст. Ҳарчанд ҳоло ҳам сарчашмаҳои гумшуда хело зиёданд. Президенти Ҷумҳурии Муғулистон ҳангоми дар Душанбе будан таъкид намуда буд, ки “дар натиҷаи забти Чингизхон муғулҳо аз Осиёи Миёна на танҳо зару зевари зиёд, балки китобҳои нодир, аз ҷумла бо ҳуруфи форсӣ-арабиро бурдаанд. Вале то ба имрӯз он китобҳоро касе варақ назадааст, бинобар ин олимони тоҷикро даъват мекунем, ки то ин сарчашмаҳоро омӯзанд”.

Боварӣ дорем, ки ҳавасмандони илми таърх аз ганҷинае, ки дар китобхонаи Муғулистон ҳаст, баҳравар хоҳанд шуд. Инак, мо ҳоло муаллифи рисолаеро, ки баррасӣ мегардад, - Абдулзода Зиёдулло Назарро барои иқдомашон – омӯхтани яке аз сарчашмаҳои машҳуртарин - “Тухфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ташаккур мегӯем. Дар ҳақиқат, ин шоҳасар сазовори таҳқиқоти ҷиддӣ буд, аз ин рӯ ҳамчун мавзуи рисолаи диссертатсионӣ интихоб шуданаш тасодуфӣ набуд.

Боиси таҳсин аст, ки муаллифи рисола андешаҳои Сомиро бо андешаҳои ҳамзамононаш муқоиса намудааст. Бо ин усул тавонистааст на танҳо муваффақиятҳои асари Сомӣ, балки норасоиҳои онро низ пешкаши хонандагон намояд.

Рисолаи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, заминаҳои манбаъшиносии рисола, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, асосҳои методологӣ ва назариявии рисоларо муайян кардааст. Ниҳоят, нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок гардидааст.

Боби якуми диссертатсия "Туҳфаи шоҳӣ"- и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва сохтори он" ном дорад ва аз ду зербоб иборат аст. Дар ин ҷо дар бораи замони зиндагӣ, аҳвол ва осори зиндагии Мирзо Абдулазими Сомӣ маълумоти мухтасар дода шудааст. Фақат ҷойи таваллуди Сомӣ деҳаи Бустон аз шаҳри Бухоро на 40 км, балки тахминан 60 км мебошад. Маълум мешавад, ки Сомӣ бо пешниҳоди дӯсташ Моҳир тахаллуси "Сомӣ"-ро гирифтааст. Дар ин ҷо зарур буд, ки маънои "Сомӣ"-ро кушода медод. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (ҷилди 2. - М.,1969, саҳ 260) таъкид гардидааст, ки калимаи "сомӣ" маънои олӣ ё худ олидараҷаро доштааст. Яъне, Сомӣ ҳамон давр дар дарбори амир мақоми олидараҷаро соҳиб будааст.

Қариб ҳамаи мутахассисони давр таъкид мекунанд, ки лаҳзаҳои амалиёти ҷангии байни Бухоро ва Россия маҳз дар асари Сомӣ "Туҳфаи шоҳӣ" тасвири нисбатан пурра ва дурусти худро ёфтааст. Чуноне худи Сомӣ қайд кардааст, ҳангоми ин ҷанг ӯ "болои дарахт менишаст ва ҷараёни ҷангро ба чашми худ назорагир буда, ба рӯи қоғаз сабт мекард" (ниг.: Саҳ 19 дисс.).

Муаллифи рисола таъкид мекунад, ки асари Сомӣ "Туҳфаи шоҳӣ" аз дебоча ва 72 фасл иборат буда, воқеаҳои таърихиро аз оғози асри XVIII, яъне аз давраи ҳукмронии Убайдуллохони Аштархонӣ (1702-1711) то оғози асри XX, то давраи ҳукумронии Абдулаҳади манғит (1885-910) фаро мегирад (ниг.: Саҳ. 28 дисс.).

Боби дуюми диссертатсия – “Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII - нимаи аввали асри XIX дар “Туҳфаи шоҳӣ” низ аз ду зербоб иборат аст. Агар дар зербоби аввал инъикоси авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII дар “Тӯҳфаи шоҳӣ” дар маркази диққати муаллиф бошад, пас дар зербоби дуюм таърихи сиёсии Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XVIII - нимаи аввали асри XIX ба таҳлил кашида шуда аст.

Умуман, муаллифи рисола дар ин боб вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи аввали асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX-ро таҳлил намуда, ба хулосаи дуруст омадааст, ки «арзиши илмии навиштаҳои Сомӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф вазъи сиёсии аморати Бухоро, муносибати хонҳои Хӯқанд ва Хева ба аморати Бухороро батафсил баён мекунад. Инчунин аз саркашӣ ва тохтутозҳои пайдарҳами қабилаҳои туркман, еттиуруғ, қунғурот, қалмиқ, қалмоқ, қазоқ, кенагас, буркут, баҳрин, хитойӣ, қарақалпоқ, қипчоқ, ки ба шаҳру навоҳии аморат ҳуҷум оварда, моли мардумро ба ғорат мебурданд, хабар медиҳад, ки баъзе ахбори он дар дигар манобеъ ба назар намерасад» (ниг.: Саҳ. 91 дисс.).

Боби сеюми рисола – «Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе аз қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии рус дар «Туҳфаи шоҳӣ» номида шудааст ва он низ аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал оиди инъикоси лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя дар охири асри XVIII - нимаи аввали асри XIX дар «Тӯҳфаи шоҳӣ», оиди ҳуҷуми амир Шоҳмурод ба Марв, ки дар натиҷаи он 30 ҳазор марвиёнро асир намудааст, ҳуҷуми амир Насруллло ба Шаҳрисабз, ҳуҷуми ӯ ба муқобили Хуҷанд, ки дар натиҷаи он «панҷ ҳазор тан аз хуҷандиён кушта шуданд» (ниг.: Саҳ. 105 дисс.).

Дар зербоби дувум забти Буҳорои Шарқӣ аз тарафи амир Музаффар, ҳуҷуми ӯ ба Шаҳрисабз, ҳуҷуми қӯшунҳои Россия ба Осиёи Миёна, муҳорибаи Ҷиззах, Майдаюлғун ё Эрҷар, забти Самарқанд, муҳорибаи Зирабулоқ ва оқибатҳои он акси худро ёфтаанд. Дар ин ҷо муаллифи

рисола таъкид мекунад, ки аз тарафи русҳо «танҳо дар округи Самарқанд зиёда аз 10 ҳазор нафар ғуломон озод шуданд» (ниг.: Саҳ. 141 дисс.).

Дар хулосаи рисола диссертант фикрҳои ҷамъбастии худро овардааст.

Дар охири рисола рӯйхати маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда ҷой дода шудааст.

Тамоми зербобҳо ба андешаҳои хулосавии диссертант ҷамъбаст мешаванд.

Барои боз ҳам беҳтар шудани кор хуб мешуд, агар:

1) Рисоларо аз замони ба Осиёи Миёна кӯчида омада муқимӣ гардидани қабилаҳои ӯзбекони бодиянишин оғоз мекард. Зеро ҳам Аштархониҳо ва хусусан манғитҳою мингҳо ба онҳо дохил мешаванд. Маълум аст, ки Муҳаммад Шайбонихон зиёда аз 50 қабилаҳои бодиянишинро сафарбар намуда, давлати Темуриёнро барҳам дод ва соли 1501 давлати худро бо номи Шайбониён бунёд кард ва ҳамаи қабилаҳои бодиянишини ӯзбекҳо минбаъд, дар асрҳои XVI - XVII, муқими Мовароуннаҳру Хуросон гардиданд;

2) Дар саҳ. 17 диссертатсия маълум нест, дар кадом асос таъкид карда мешавад, ки “марҳалаи аввали зиндагӣ ва фаъолияти Сомии Бӯстонӣ ба замони салтанати амир Музаффар ва Абдулаҳад рост меояд». Ҳол он ки ин давр марҳалаи охири зиндагӣ ва фаъолияти ӯ ба ҳисоб меравад;

3) Муаллифи рисола муҳорибаи назди Майдаюлғун ё худ Эрҷарро (соли 1866) «Ҷанги нахустини байни қушунҳои Бухоро ва Россия» номидааст. Ҳол он ки январи соли 1866, ки ин лаҳзаҳоро муаллифи рисола қайд кардааст (ниг.: Саҳ.128 дисс.), дар натиҷаи ҳуҷуми қӯшунҳои рус бо сарварии генерал Черняев дар Ҷиззах, муҳорибаи аввали сахттарин ба амал омад ва каси бисёре кушта шуд. Черняев дар ин муҳориба шикаст хӯрд, бинобар ин бо генерали дигар Д.И. Романовский иваз карда шуд. Муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷар 8 майи он сол ба амал омад ва бо ғалабаи қӯшунҳои рус анҷом ёфт. 11-18 октябр бошад ҷанги дуюми Ҷиззах ба амал омад, боз каси бисёре қурбон шуд ва бо ғалабаи қушунҳои рус ба

итмом расид. Дар саҳифаи 37 муаллиф «истилои қалъаи Авлиёота, муҳосираи Тошканд дар санаи 1288/1871-1872» таъкид мекунад. Ҳол он ки Тошканд ҳанӯз дар натиҷаи ҳуҷуми сеюм, соли 1865, ба қӯшунҳои рус таслим гардида буд, Авлиёота бошад аз он пештар (ниг.: Саҳ. 125 дисс.);

4) Дар саҳифаи 90-и диссертатся таъкид гардидааст, ки амир Насрулло гӯё «аз озори гӯш» соли 1860 вафот кардааст. Аммо устод Садриддин Айнӣ дар асари худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» дар банди «Амир Насрулло ва Кенагас» таъкид намудаанд, ки соли 1855 амир Насрулло баъд аз фатҳи Шаҳрисабз каси бисёреро аз дами теғи бедод гузаронида, духтари волии онҷоро ба тасарруфи худ даровард... Ин духтари ғайратманд - Кенагасхонум ба гӯши амир Насрулло симоб рехта интиқоми падар ва эли худро гирифт ва номуси ба торочрафтаи худро тазмим кард.

Амир Насрулло пеш аз вафоти худ Кенагасхонумро ба чоҳи Чиҳилдухтарон, ки дар дохили арки Бухорост, кушта андохта дар саҳнаи хунрезии худ пас ин фоҷиа парда кашид» (Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт, ҷилди 10. Душанбе, 1966. саҳ. 36). Бояд таъкид кард, ки дигар амири хунхори манғитиҳо, аниқтараш асосгузори ин сулола Муҳаммад Раҳимхон, ки низ хуни ноҳақи зиёдеро рехтааст, «ҳангоме, ки аз саёҳати тумани Ғиждувон бармегашт, дар асնои роҳ аз асп афтода гарданаш шикаста озими дорулҷазо гардид» (ниг.: Ҳамон ҷо. Саҳ. 11).;

5) Дар саҳ. 137 диссертант таъкид мекунанд, ки «ҳамлаи лашкари рус ба Самарқанд шурӯъ шуд ва 2 майи соли 1868 бидуни муқовимат шаҳр таслим шуд». Зарур буд, ки ин ҷо сараввал муҳорибаи Чупонаторо (1 майи соли 1868) хотиррасон мекардед. Он яке аз бузургтарин муҳориба дар ин сол дар байни Россия ва Бухоро ба ҳисоб меравад. Қӯшунҳои рус дар он ғалаба ба даст даровarда, баъди он бе ягон муқовимат дохили шаҳри Самарқанд мегарданд.

6) Дар рисола такрориҳо (аз ҷумла оиди 32 маротиба ба Шаҳрисабз лашкар кашидани амир Насрулло, оиди муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷар), хатоҳои грамматикӣ, хатоҳо дар поварақ ва ғайра ҷой доранд.

Ин андешаҳо моҳияти диссертатсяро паст намекунад. Онҳоро ҳангоми нашри рисола ислоҳ кардан мумкин аст.

Умуман, диссертатсия Абдулзода Зиёдулло Назар кори анҷомёфта аст. Забони рисола фаҳмо, адабӣ аст. Мақолаҳои нашр намудаи муаллиф ва автореферати рисола мазмуни диссертатсияро пурра ифода мекунанд.

Бо назардошти ҳамаи ин, диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи ««Тӯҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) ҷавобгӯ аст ва худи диссертант Абдулзода Зиёдулло Назар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сазовор мебошанд.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҳотамов Намоз Басарович**
1 сентябри соли 2023

**Имзои д.и.т., профессор Ҳотамов Намоз Басаровичро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсус Ш. Ҷӯраев

**Маълумот барои тамос:**
734025, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: 234-88-02; E-mail: dsx_ips@mail.ru